«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода
д.и.ф., профессор Гулназарзода Ж.Б. ________
«_30_» ____05____ 2023

# ТАҚРИЗИ

**муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсия ва автореферати Робияи Абдусамад дар мавзуи “Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ).**

Таҳқиқу муқоиса ва пажуҳиши истилоҳоти соҳаҳои гуногун, аз ҷумла, соҳаи китобдорӣ дар муқоиса бо забонҳои дигари дунё аҳаммияти рӯзмарра касб намуда, дар ин замина корҳои илмию амалӣ ва таҳқиқотӣ рӯйи кор омада истодаанд, ки мавзуи мазкур низ аз зумраи онҳост.

Диссертатсияи Робияи Абдусамад дар мавзуи “Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ” ба масъалаи мазкур бахшида шуда, аз муқаддима, се боб, зербобҳо, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат аст.

Дар муқаддимаи диссертатсия дар бораи мубрамияти мавзуи таҳқиқот, дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо), мавзуъҳои илмӣ, мақсад, вазифа, объект, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқот, сарчашма ва навгониҳои илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ба амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия ва сохтору ҳаҷми диссертатсия сухан меравад.

Дар **дарачаи таҳқиқи мавзуъ** доир ба омӯзиши истилоҳоти китобдорӣ дар асару китобҳои зиёди илмӣ фикру андешаҳои мухталиф мушоҳида карда мешаванд. Оид ба истилоҳоти китобдорӣ дар мақолаҳои муҳаққиқони соҳа, аз ҷумла, дар мақолаҳои илмии олимони хориҷи кишвар, ба мисли забоншиносони рус И.В. Лукашов, В.В. Сквортсов, П.С. Романов, А.С. Румянтсева, Е.А. Плешкевич, Т.Б. Александрова ва дигарон баъзе суханҳо гуфта шуда бошанд ҳам, роҷеъ ба масъалаи мазкур дар доираи ду забони мавриди назар таҳқиқоти илмӣ анҷом дода нашудааст.

Таҳқиқоти диссератасионӣ бо накшаи илмӣ-таҳқиқотии кафедраи забоншиносӣ ва типологияи муқоисавӣ ва Раёсати илм ва инноватсияи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А. Рудакӣ мувофиқат мекунад.

**Мақсади таҳқиқот** омӯзиши системавӣ, қиёсӣ, муқоисавию таърихӣ, луғавӣ, сохторӣ-маъноӣ, вижагиҳои ташаккули истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ буда, дар ин замина мушаххас намудани ҳамгунӣ, сермаъноӣ, инчунин, таҳлили вожаҳои иқтибосии забонҳои мавриди таҳқиқ муаррифӣ мешаванд.

Барои ноил шудан ба мақсади мазкур дар диссертатсия **вазифаҳои** зерин гузошта шудаанд:

-муайян кардани вижагиҳои маъноии истилоҳот, падидаи иқтибосот ва равишҳои ташаккулёбии унсурҳои истилоҳӣ дар риштаи китобдории забонҳои муқоисашаванда;

-ошкор намудани роҳу усулҳои ташаккул ва рушди истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

-омӯзиши масъалаи ташаккули истилоҳот ба воситаи усули вандафзоӣ дар забонҳои мавриди муқоиса;

-таҳлил намудани хусусиятҳои сохтории истилоҳибораҳои соҳаи китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

-ошкор намудани фарқият, монандӣ ва тафовути истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои муқоисашаванда;

-таҳлили истилоҳоти иқтибосии китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ;

-муайян намудани вижагиҳои сохтории ташаккули истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои муқоисашаванда;

-таҳлил намудани истилоҳоти мураккаби соҳаи китобдорӣ дар забонҳои муқоисашаванда.

**Объекти таҳқиқотро** таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ташкил мекунад.

**Сарчашмаҳои таҳқиқотро** воҳидҳои забони аз луғатҳои забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, матнҳои бадеӣ ва матнҳои воситаҳои ахбори омма, маълумотномаҳои илмӣ, энсиклопедияҳо ва нашрияҳои илмии оммавӣ, мақолаҳо, захираҳои интернетӣ, инчунин, зарбулмасалу мақолҳо ва воҳидҳои фразеологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ ташкил медиҳанд, ки дар асоси шарҳи маъноии фарҳангҳои тафсирӣ, фразеологӣ ва матнҳои бадеӣ ҷамъоварӣ шудаанд.

**Навгониҳои асосии диссертатсия** дар он зоҳир мешавад, ки истилоҳоти соҳаи китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бори аввал мавриди таҳқиқи алоҳидаи лингвистӣ қарор гирифтааст. Дар диссертатсия бори нахуст хусусиятҳои сохторӣ, маъноӣ ва луғавии истилоҳоти фавқуззикр мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор гирифта, равишҳои имконпазири ташаккулёбӣ ва рушди минбаъдаи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ муайян карда шуданд.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот** аз он сарчашма мегиранд, ки таҳқиқоти мазкур метавонад дар рушд ва такомули минбаъдаи назарияи истилоҳоти китобдорӣ, роҳҳо ва манбаъҳои пайдоиш ва ташаккули он, методҳои истилоҳот, асосҳои назариявии забоншиносӣ ҷиҳати пешбурди бахшҳо дар забоншиносии тоҷик ва англис, инчунин, барои татбиқи

воситаҳо, рушди назарияи умумӣ, омӯзиши қиёсӣ, методологӣ ва типологияи забонҳо мусоидат намояд.

**Аҳаммияти амалии таҳқиқот** дар он аст, ки натиҷаи истифодаи самаранокии истилоҳоти китобдорӣ дар раванди таҳсилот дар китобхонаҳои муассисаҳои олӣ, миёнаи касбӣ ва умумӣ, дар муассисаҳои фарҳангӣ, инчунин, дар коркард навишти рисолаҳои илмӣ, семинару конференсияҳои махсус, гузаронидани лексияҳо аз фанҳои грамматикаи муқоисавӣ-таърихӣ, луғатшиносӣ, китобхонашиносӣ, таълифи корҳои илмӣ-методӣ, барои мураттабсозии луғатҳои дузабона ва бисёрзабона метавонад замина ва манбаи муфид гардад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқотро** сатҳи баррасии масъалаҳо, натиҷаҳои таҳқиқот, ки дар шакли мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти ҶТ нашр шудаанд, хулосаҳои диссертант дар асоси манбаъҳои таҳқиқшуда собит менамоянд.

Таҳқиқоти диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисос ва муҳтавои он ба тартиби муқарраршудаи таълифи диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мувофиқат мекунад.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот дар он зоҳир мегардад, ки муаллифи диссертатсия бо такя ба маводи илмӣ дар хусуси истилоҳот аз луғатномаҳову вожаномаҳо ва истилоҳномаҳои осори тоҷикӣ ва русиву англисӣ муҳимтарин хусусиятҳои истилоҳот, тарзи сохторӣ, усулҳои асосии истилоҳсозӣ, таҳлили ибора ва ибораистилоҳот, хусусиятҳои сохторӣ ва маъноии истилоҳоти соҳаи китобдориро таҳқиқ ва муайян кардааст.

Дар диссертатсия ва мақолаҳои нашргардида аз тарафи муаллиф натиҷаи асосии таҳқиқот инъикос ёфтааст.

Дар боби якуми рисола тахти унвони «Заминаҳои назариявии таҳқиқи истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои муқоисашаванда» масъалаҳои мафҳум ва таърихи истилоҳот, омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ, заминаҳои назариявӣ ва сарчашмаҳои ташаккулёбии истилоҳоти китобдорӣ ва нақши аломатҳои китобатӣ дар ташаккули фарҳангҳои истилоҳоти китобдорӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд.

Боби мазкур аз панҷ фасл иборат аст. Фасли якум «Мафҳуми истилоҳ ва таърихи таҳқиқоти он» номгузорӣ карда шуда, дар он муҳаққиқ оид ба хусусиятҳои истилоҳ ҳамчун воситаи муҳимтарини муоширати илмӣ сухан гуфтааст. Ба андешаи муаллиф: "Аксаран, истилоҳоти системаҳои истилоҳотии махсус на аз ҷиҳати лингвистӣ, балки аз ҷиҳати сифати берунаи забон муттаҳид шуда, на барои гурӯҳи оддии калимаҳо, балки системаи калимаҳо ё ибораҳоро, ки ба таври муайян байни худ муташаккиланд, дар бар мегиранд" (саҳ.15). Ба қавли муқаққиқ самаранокии истилоҳот танҳо дар матни муайян мушаххас мешавад, дар асл, калима берун аз сухани илмӣ метавонад истилоҳ набошад, гарчанде, ки ӯ хосияти истилоҳиашро ҳангоми нутқи мувофиқ, яъне илмӣ ба даст меоварад. Маҳз дар матни илмӣ маънои махсуси истилоҳ кушода мешавад, ки он тавсифро талаб мекунад (Ҳамон ҷо). Дар фасли мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба хусусияти фарқкунанда ва маънои мушаххас доштани истилоҳ низ дода шудааст.

Дар фасли дуюми диссертатсия «Масъалаи омӯзиш ва таҳқиқи истилоҳ ва истилоҳшиносӣ дар забоншиносӣ» муаллиф назари хешро роҷеъ ба таҳқиқи истилоҳшиносӣ ва истилоҳ баён карда, чунин пиндоштааст, ки "Истилоҳсозӣ фаъолияти огоҳонаи инсон аст, яъне инсон метавонад бевосита ба он мудохила кунад. Ҳадафи аслии он ҳарчи расотар, дақиқтар ва равшантар барои аҳли соҳа ва агар мафҳум марбут ба ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ бошад, барои доираи васеътари аҳли ҷомеа, баён

кардани маънои мафҳумҳои нав аст” (саҳ.28). Бояд зикр кард, ки дараҷаи корбурд ва истифодаи истилоҳ дар ин фасл мубрам арзёбӣ шуда, хеле хуб натиҷагирӣ шудааст, ки нишонае аз мукаммалии диссертатсия ва муаллифи он маҳсуб меёбад.

Дар фаслҳои дигари боби мазкури диссертатсия масъалаҳои мавқеи истилоҳоти китобдорӣ дар забоншиносии муосир тавассути мисолҳои мушаххас таҳлил гардидааст.

Боби дуюми диссертатсия «Таҳлили сохтории истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвон дошта, дар он масъалаҳои таҳқиқу пажуҳиши ташаккули истилоҳот тавассути вандҳо баррасӣ мегардад.

Дар фасли якуми боби мазкур усулҳои асосии калимасозӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуда, ба андешаи муаллиф яке аз василаҳои аслиест, ки таркиби луғавии ҳар як забонро бой мегардонад ва ба пайдоиши калимаҳои нав сабаб мегардад. Ҳамзамон, муаллиф дар ин фасл нуктаи назари муҳаққиқони соҳаро роҷеъ ба мавқеи калимасозӣ дар забонҳои муқоисашаванда нишон додааст.

Муаллиф таъкид мекунад, ки калимасозӣ муҳимтарин воситаи бойшавии таркиби луғавии забон, бо воҳидҳои нави луғавӣ пурра гардидани луғати он мебошад. Усул ва шаклҳои калимасозӣ мунтазам такмил ва инкишоф меёбанд. Тағйироту дигаргуншавии калимасозӣ аз рӯйи сохти грамматика ва қонуниятҳои инкишофи дохилии забон ба амал меояд (саҳ. 71).

Зерфасли дуюми боби мазкур ба омӯзишу таҳлили ташаккули истилоҳот тавассути вандҳо дар доираи забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ бо роҳҳои морфологӣ, морфологӣ-синтаксисӣ, луғавӣ-синтаксисӣ ва луғавӣ-маъноӣ бахшида шудааст.

Дар фаслу зерфаслҳои дигари боби дуюм масъалаҳои ташаккули истилоҳоти китобдорӣ ба воситаи пасванду пешвандҳо тавассути мисолҳо нишон дода шудааст.

Боби сеюми диссертатсия ба "Таҳлили маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" бахшида шудааст. Дар фасл ва зерфаслҳои боби сеюм муаллиф роҳу тарзи чӣ гуна истифода шудани истилоҳоти соҳаи киобдорӣ ва усулҳои ифодаи онҳоро бо мисолҳои мушаххас тавсиф мекунад, ки ин бартарии диссертатсия ба шумор рафта, қиммати илмии онро баланд мебардорад.

Ҳамин тариқ, ҳар як боби диссертатсия бо хулосаҳо ва натиҷагириҳои мушаххаси муҳаққиқ ба охир расидаанд ва ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муаммоҳои дар диссертатсия матраҳгардида то як андоза ҳалли ҳудро ёфтаанд. Дар хулосаи умумӣ бошад, муаллифи диссертатсия натиҷаҳои таҳқиқоти ҳудро ҷамъбаст намуда, аҳаммияти назарӣ ва амалии онро нишон додааст.

Диссертатсияи Робияи Абдусамад дар мавзуи "Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" дар асоси меъёрҳои нави илмӣ таҳия гардидааст. Тарзу усули иқтибос, таҳияи бобу фасл ва хулоса тибқи талаботи стандартҳои муосири таълифи корҳои илмию таҳқиқотӣ ба роҳ монда шудааст.

Тамоми мақолаҳои нашрнамудаи муаллифи диссертатсия муҳтавои онро инъикос менамоянд. Диссертатсияи мазкур дар омӯзишу баррасии масоили забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, таърихи забони тоҷикӣ, ҳамчунин, дар таҳияи дастурҳо ва раҳнамоҳои таълим аз фанни типологияи муқоисавӣ ва семинарҳои махсуси забон барои суҳбату машваратҳои илмӣ заминаи муфид ба ҳисоб меравад.

Дар баробари дастовардҳои муҳим диссертатсия ва автореферат аз камбудиву норасоиҳо низ холӣ нест:

1. Дар диссертатсия микдори зиёди истилоҳоти соҳаи китобдорӣ ҷамъоварӣ шудааст, аммо ба шарҳу эзоҳ ва таҳлили луғавию маъноӣ ниёз доранд;

2.Дар диссертатсия ба ҷойи ибораи "истилоҳоти китобдорӣ" агар ибораи "истилоҳоти соҳаи китобдорӣ" истифода мешуд, ба мақсад мувофиқ мебуд;

3. Ба андешаи мо танзими феҳристи адабиёт аз доираи талаботи танзими диссертатсияи илмӣ дур рафтааст;

4. Хуб мешуд хусусиятҳои умумӣ ва фарққунандаи истилоҳоти соҳаи китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ дар алоҳидагӣ таҳлил карда мешуданд;

5.Баъзе мисолҳо дар дохили бобу зербобҳои диссертатсия тавассути пасванду пешванд аз доираи истифодаи дуруст берун баромадаанд (Масалан, author, metaphor, corridor, larder, outnumber ва ғ.).

6.Дар баъзе саҳифаҳои диссертатсия камбудиҳои услубӣ, техникӣ ва имлоиро мушоҳида кардан мумкин аст.

Камбудиҳои ҷойдошта ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳанд расонид, зеро онҳо камбудиҳои ҷузъӣ буда, ислоҳпазиранд ва танҳо барои бартараф намудан дар корҳои минбаъда тавсия дода мешаванд.

Фишурдаи диссертатсия мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос карда метавонад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Робияи Абдусамад дар мавзуи "Таҳлили сохторӣ ва маъноии истилоҳоти китобдорӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ" ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он сазовори

дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300 – Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) мебошад.

Тақриз ба диссертатсия ва автореферат дар ҷаласаи кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода муҳокима гардидааст.

Дар ҷаласа иштирок доштанд: 10 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор” -10 нафар, “зид” – нест, “бетараф” –нест.

«24» майи 2023 с. Суратҷаласаи №10

Мудири кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи Донишгоҳи
байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода
номзади илмҳои филологӣ,
дотсент Соҳибназарова Ҳавасмоҳ Тиллоевна

**Ташхисгар:**
Номзади илмҳои филологӣ,
дотсенти кафедраи забоншиносии
муқоисавӣ ва назарияи тарҷумаи
Донишгоҳи байналмилалии
забонҳои хориҷии Тоҷикистон
ба номи Сотим Улуғзода Маҳмудзода Миҷгонаи Абдулваҳоб

**Котиб:** Ҳамроев Озодбахт Абдусалимович

Суроға: 734019, г Душанбе,
ул. Мухаммадиев 17/6
Суроғаи электронӣ: rectorat@ddzt.tj.
Тел: (+992 37) 2325003; (+992)882 89 1717

Имзоҳои Ҳ.Т. Соҳибназарова, М.А. Маҳмудзода ва О.А. Ҳамроевро тасдиқ менамоям:
Сардори раёсати кадрҳои ДБЗХТ ба номи
С.Улуғзода Юсупова Бибиҷон Ғаниҷоновна
27.05.2023 с.

РАЁСАТИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС